# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томатабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод гардидааст.**

**Муҳимии мавзуи таҳқиқот.**

Муҳимияти мавзуи диссертатсонӣ бо тағйирот ва талаботе, ки дар низоми муосири маорифи ҷумҳурӣ ба вуқуъ омадааст, робитаи ногусастанӣ дорад, зеро давраи муосири рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъмину танзими омодагии насли наврас, аз ҷумла кӯдакону наврасони имкониятҳои маҳдуддоштаро ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, яъне ба вуҷуд овардани қобилияти инсон барои қаноатманд намудани талаботи чунин ҷомеа тақозо мекунад.

Имрӯз дар соҳаи педагогикаи махсуси аксари давлатҳои пешрафтаи дунё роҳҳои истифодаи барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ дар ҷараёни таълими кӯдакони имконияти маҳдуддошта барои донишҷӯ - дефектолог коркард гардидааст, вале дар кишвари мо вобаста ба ин самт мутассифона муҳаққиқон камтар таҳқиқ бурдаанд.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия оид ба дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ дар ислоҳоти соҳаи таҳсилоти олии кишвар дар давраи муосир ба баланд бардоштани сифати омодагии мутахассисон равона гардида бошад ҳам, вале масъалаҳои омодагии умумии касбии мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогири кишвар (логопед, сурдопедагог, олигофренопедагог, тифлопедагог ва ғайра) барои гурӯҳҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мутаассифона то

имрӯз ба таври хеле маҳдуд мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионии Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович  ба шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мутобиқ аст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо фаслҳо, хулосаҳои бобҳо, хулосаи асосӣ, феҳристи адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович иборат аст. Дар муқаддима  мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола “Заминаҳои назариявӣ-педагогии таълим ва тарбияи кӯдакони нуқсони нутқдоштаи синни томактабӣ” ҷанбаҳои назариявии таълиму тарбияи кӯдакони камбудии нутқдошта дар илмҳои педагогикаи махсус ва логопедия, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳақиқон; таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзӯи тадқиқот; инъикоси  таснифот ва гурӯҳбандии психологӣ - педагогии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ таҳқиқ гардидааст. Ба ақидаи диссертант вобаста ба яке аз нуқсонҳои мураккаби нутқ – алалия ва афазия аз тарафи олимони хориҷӣ ба таври кофӣ омӯзишу таҳқиқот гузаронида шуда бошад ҳам, вале то ба имрӯз аз тарафи мутахассисони  ватанӣ таҳқиқоту омӯзише қариб, ки ба назар намерасад. Ташкили таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла нуқсони нутқидошта (дислалия, алалия, афазия, лакназбабонӣ...) дар асоси татбиқи

технологияҳои нави иттилоотӣ аз татбиқи принсипҳои таълими компютерӣ вобаста аст. Дар боби мазкур масъалаи асосҳои назариявӣ-педагогии истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ шарҳу тасниф дода шудааст.

Дар боби дуюм "Шароитҳои озмоиши итсифодаи технологияҳои компютерӣ дар корҳои ислоҳӣ-логопедӣ бо кӯдакони нуқсони нутқдоштаи синни томактабӣ" масъалаҳои асосҳои корҳои коррексионию логопедӣ дар раванди таълими кӯдакони синни томактабии имкониятҳои маҳдудошта; мақсад ва вазифаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ-педагогӣ; барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқидошта дар мисоли алалия корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ баргузор ва натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф ба чунин навгонии илмии таҳқиқот соҳиб гардидааст, ки дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:

- бори аввал раванди ташаккули заминавии қисмати асосии фаъолияти касбии донишҷӯ-логопед, яъне маҳорати таҳлил ва гурӯҳбандии нуқсонҳои нутқӣ, аз ҷумла алалия дар сохтори нуқсонҳои нутқии гуногуни кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ пешниҳод гардид;

- нақш, мавқеъ ва вазифаҳои барнома ва технологияҳои компютерӣ дар ин раванд асоснок гардидаанд;

- барномаи намунавии компютерии барои ин раванд зарур коркард гардид (тасвирӣ-намоишӣ, таълимӣ ва ғайра).

Коркарди барномаи компютерии муаллиф вобаста ба пажӯҳиши таҷрибавӣ-озмоишӣ барои осону шавқовар намудани раванди корҳои ислоҳӣ бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни тоамактабӣ бо истифода аз барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ

(Барномаи таълимӣ-ислоҳии «Заргӯши доно», барномаҳои махсуси логопедии компютерии «Қасри офтобӣ») дар самти таълими логопедияи донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба амалӣ сохтани донишҳои махсуси логопедӣ, маҳорат ва малакаҳои донишҷуёни факултетҳои ихтисосҳои дефектологӣ ва салоҳияти касбии онҳо мусоидат мекунад. Намунаи тарзи истифодаи барномаҳои дидактик-компютерӣ дар таълими кӯдакони нуқсони алалиядошта дар рафти таҳқиқот гирд оварда шудаанд.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар кори ислоҳию инкишофдиҳанда бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта ҷиҳатҳои мусбати инкишоф мушоҳида шуданд, аз ҷумла:

1. Баланд бардоштани сатҳи инкишофи фаъолияти маърифатӣ. Беҳтар шудани таваҷҷуҳ, хотира ва айнан такрор кардан. Инкишофи қобилияти ҷамъбаст ва муқоиса. Ташаккули тасаввуроти маконӣ ва беҳтар шудани функсияҳои нутқ.

2. Баланд бардоштани сатҳи инкишофи ҷараёни психикию маърифатӣ дар самтҳои зерин: суръати иҷрои амалиёти фикрӣ, кӯтоҳ шудани вақти ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли вазифаи гузошташуда; таваҷҷуҳи устувор (давомнокии таваҷҷуҳ), ҷалб ва равона кардани он; фаъолияти таҳлилию таркибӣ.

Ба андешпаи диссертант самаранокии таълими кӯдакони нуқсонҳои гуногундошта, аз ҷумла нуқсонҳои нутқидошта, бештар ба дараҷаи таҳияи методикаҳо барои мутахассисони барномаҳои компютерӣ вобаста аст.

Ба таври умум, унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиёти педагогию психологӣ доир ба муаммои таҳқиқшаванда тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои бартарафкунии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ, аз ҷумла алалиядошта, бо истифодаи технологияҳои компютерӣ ба таври амиқ таҳқиқ намояд ва хулосаҳои

ҷолиби диққатро коркард намояд.

Дар қисмати ҷамъбастии рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии сатҳи ташаккул ва рушди кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ, аз ҷумла алалиядошта, машғулиятҳои нутқиро дар шакли бозӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ гузаронидан лозим аст, зеро танҳо дар чунин шакл кори ислоҳӣ самаранок шуда, кӯдакро хаста намекунад. Дар рафти машғулият логопед бояд ба инкишофи хотира ва диққат, ташаккули маҳорати фарқ кардани ашёи гуногун, қобилияти муқоиса ва ҷамъбасти ашё равона карда шавад. Ҳамчунин, дар ташаккули малакаҳои нутқ сарбориҳои ҷисмонӣ ва ҳама гуна машқҳое, ки ба инкишофи таҳрики хурд мусоидат мекунанд, фоидабахшанд, усули дарёфт ва татбиқи технологияи навини таълиму тарбия ва воситаҳои пешқадами амалигардонии ин раванд ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани ҷараёни ислоҳи нуқсони умумии пурра инкишоф наёфтани нутқи кӯдакони синни томактабӣ истифодаи технологияҳои компютерӣ мувофиқати вазифаҳои ислоҳӣ ва таълимию инкишофдиҳандаи таъсири логопедӣ, ба назар гирифтани қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи психикии кӯдакони синни томактабиро имконпазир мегардонад, саҳми арзишманд гузорад.

Таҳқиқоти Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович ба таври мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои классикӣ, фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, писхологӣ инчунин тадбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва марказҳои саломатӣ таҳия ва омода гардидааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович оид ба ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-

назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро методикаи аз лиҳози бунёдӣ - назариявӣ асосноккардашуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи ба роҳ мондани корҳои ислоҳӣ бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ бо истифода аз БТТК дар ихтисосҳои дефектологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ки ба ҳалли масъалаи баланд бардоштани самарабахшии ташкили раванди корҳои ислоҳӣ нигаронида шудааст, ташкил медиҳад, ки он метавонад ба ҳайси як дастури роҳнамо кӯмак хоҳад намуд.

Дар нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда муаллиф ба таври пурмаъно бори аввал дар доираи илмҳои педагогика ва психологияи махсус, логопедия ташаккули заминавии қисмати асосии фаъолияти касбии донишҷӯ-логопед, яъне маҳорати таҳлил ва гурӯҳбандии нуқсонҳои нутқӣ, аз ҷумла алалия дар сохтори нуқсонҳои нутқии гуногуни кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ коркард ва пешниход гардидааст. Муаллиф бо омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва ақоиди олимони соҳа, махсусан, педагогика ва логопедия дақиқан нишон медиҳад.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари: мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогикаи махсус ва логопедия саҳмгузор аст.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз тарафи ӯ дар асоси маводи таҳқиқотиаш 11 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА- и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия эътирофгашта нашр гардиданд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда**

Дар диссертатсия баробари дастовардҳои назаррасии илмӣ, баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки таҷдиди назарро талаб мекунанд ва ислоҳи он барои боз ҳам ғанӣ гардидани мазмуни рисола мусоидат менамояд:

1. Дар мундариҷа дар такя ба ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва ақидаҳои олимон-нуқсоншиносони ватанӣ оид ба таҳсилоти фарогир, илмҳои педагогикаи махсус ва логопедия мадди назар карда нашудааст.

2. Хуб мешуд, фаъолияти кори нуқсоншинсон - логопедони марказҳои саломатӣ бо кӯдакони камбудии алалиядошта таҳлилу мониторинг карда мешудаанд.

3. Дар тарроҳии техникии кори диссертатсионӣ хатоҳои ҷузъӣ дида мешаванд.

Аммо норасоиҳои зикршуда арзишу сифати таҳқиқоти илмиро кам намекунанд, ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ», кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи “Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”-и КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои соҳиб гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) шоиста мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ
ва педагогикаи махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Раҳмонов З.П.

31.08.2023

**Маълумот барои тамос:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: (+992) 92 701 15 55.
E-mail: rahmonov.zp@mail.ru

Имзои Раҳмонов З.П.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Наврӯзов Э.М.